Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур
(734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146)

## ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба рисолаи номзадии **Сабриддини Сафовуддин** дар мавзӯи «**Мукаммалгардонии механизми ташкили иқтисодии рушди барқ дар деҳот (дар мисоли вилояти Хатлон)**» барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси: 08.00.05. – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)

**1. Муҳиммияти мавзӯи рисола.** Истифодаи оқилона ва фаъолияти пурсамари қувваи барқ дар деҳот, ислоҳоти соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ, ки қариб боз си сол инҷониб идома дорад, ба вазъи комплекси агросаноатӣ сахт вобастагӣ дорад. Аммо, новобаста ба як қатор муътадилнокӣ дар комплекси агросаноатӣ, ҳолати бахши кишоварзӣ ҳамоно мураккаб боқӣ мемонад. Он ба якбора паст рафтани раванди истеҳсолот, пурзӯршавии мубодилоти беарзиш, робитаҳои ноустувори хоҷагидорию истеҳсолӣ, кам гардидани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва ҳамчун натиҷа, шиддатёбии вазъи иҷтимоӣ маънидод мегардад.

Айни замон вазъият дар рушди шабакаҳои барқи деҳот ру ба эътидол омада истодааст, яъне мӯҳлати захираҳои техникие, ки оғози онҳо ба давраи нимаи дуюми солҳои 50-ум ва аввали солҳои 60-уми асри гузашта рост меояд, анҷом ефтаанд. Ин аз он сабаб аст, ки шабакаҳои барқӣ имкони сусти барқгузаронӣ ва эътимодбахшии басо паст доранд. Таъсири табиӣ аз нишондиҳандаҳои техникии хатҳои барқгузарон боло шудаанд. Аз ин хотир, тез-тез аз кор баромадани таҷҳизот ва таъмини номукаммали барқ

дар деҳот ба як ҳодисаи маъмулӣ табдил ёфтааст. Чунончӣ, мувофиқи маълумоти муассисаҳои бо барқтаъмикунӣ, соле то ҳазор маротиба ҳодисаҳои аз кор баромадани хатҳои барқ мушоҳида мегардад. Ин вазъ дар баъзе ҳолатҳо ба истеҳсолкунандагони деҳот зарари ҷиддии иқтисодӣ мерасонад.

Як нуқтаро низ ҳамзамон бояд қайд намуд, ки масъалаи таъмини барқ, бахусус дар деҳот, саноатикунонӣ ва рушди деҳот, инчунин баланд бардоштани сатҳу сифати истифодаи самаранок ва оқилонаи он, дар шароити амалигардонии саноатикунонии ҷумҳурӣ, ки яке аз чор ҳадафи стратегии мамлакат муаррифӣ гардидааст, низ аҳамияти назариявию амалии худро доро мебошад. Маҳз ҳалли ҳаматарафа ва амиқи муаммоҳои дар боло овардашуда интихоби мавзӯи рисолаи номзадии мазкурро ба миён овардааст, ки фикр мекунам ин мавзӯъ яке аз масъалаҳои мубрами рӯз, муҳим ва дар айни ҳол ҳалталаб ба ҳисоб меравад.

**2. Дараҷаи асосноксозии дастовардҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои дар рисола баррасигардида.** Новобаста аз таҳқиқотҳои дар ин самт гузаронидашуда, масъалаҳои такмилдиҳии механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти барқ дар деҳот, вобаста ба муосир будани мавзӯи таҳқиқот, чандон дуруст омӯхта нашуда, асосҳои назариявии механизми фаъолияти барқкунонии деҳот акнун гузошта мешавад. Методология ва усулҳо (методҳо)-и тадқиқот ба истифодаи қонунҳои бунёдӣ, методологияи таҳқиқи классикони соҳаи иқтисодиёт, олимони муосири ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ, низоми захиравӣ ва сарфакории энергия асос ёфтааст.

Заминаҳои иттилооотии тадқиқотро маводҳои ҳисоботҳои омори расмӣ, ҳисоботҳои солонаи хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон, хазинаи маълумотҳои нозироти техникӣ, нозироти энергетикӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои методикӣ, меъёрҳо ва маҳакҳо, ҳисоботҳои ташкилотҳои илмӣ-тақиқотӣ, мушоҳидаҳои бевоситаи муаллиф ва дигар маводҳо ва сарчашмаҳо ташкил медиҳанд.

**3. Ҳақиқӣ (воқеӣ) будан ва татбиқи навигариҳои илмии таҳқиқотҳои бадастомада.** Навигариҳои илмии таҳқиқот асосан ба ҳолату вазъияти ташаккулёбии мунтазам ва раванди истифодаи сарфаи энергия бо назардошти мукаммалгардонии механизми ташкили иктисодии рушди барқи деҳот, хусусиятҳои минтақавӣ ва омилҳои табиӣ-иқлимии онҳо асоснок карда шудаанд, ки миёни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд: таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии инкишофи қувваи барқ дар деҳот мавриди омӯзиш қарор гирифта, рушди қувваи барқ - ҳамчун асоси хоҷагии халқ ва самти стратегии бехатарии иқтисодӣ муайян гардида, қувваи барқ дар деҳот - ҳамчун омили асосии баландбардории фаъолияти комплекси агросаноатӣ мусоидаткунанда асоснок гардидааст; алоқамандии байниякдигарии назариявӣ ва вазъи методологии сатҳи рушди нерӯи барқ дар деҳот ва манфиатнокии имконоти энергетикии истеҳсолоти хоҷагии деҳот - ҳамчун маҷмӯи бо ҳампайваст ошкор гардида, ҳаммонандӣ дар иртиботи бевосита байни барқтаъминкунии хоҷагии деҳот ба натиҷаҳои истеҳсолот ва нафъи умумӣ аз истифодабарии он асоснок ва муайян гардидааст; рушди гидроэнергетика ва нақши он дар таъмини қувваи барқ дар деҳот муайян гардида, вазъи ҳозира, ҳолати таъмини қувваи барқ дар комплекси агросаноатӣ арзёбӣ гардида, тамоюли рушди қувваи барқ дар деҳот мавриди таҳлил қарор гирифтааст; дар асоси истифодабарии ҳисоботи муносиб доир ба таҷдиди таҷҳизот барои сарфаи нерӯи барқ ва татбиқи технологияҳои инноватсионии ба сарфаи қувваи барқ нигаронидашуда ва техникаи аъзои кооператсияи истеъмолӣ дар заминаи субъекти хоҷагидорӣ вуҷуд дошта, ки имконияти паст намудани сарфаи захираҳои барқӣ барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо раванди таҷдиди техникии аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок мусоидат менамояд, тавсияҳои амалӣ дода шудаанд ва ғ.

Ҷанбаъҳои назариявии ташкили таъминот бо барқи хоҷагии деҳотро таҳлил намуда, муаллиф ба хулосае меояд, ки қувваи барқ чун комплекси истеҳсолию технологӣ дида шуда, дастгоҳҳоро барои пайдоиш, дигаргунсозӣ, интиқолдиҳӣ ва тақсимоти қувваи барқ ва гармӣ (дар шакли

буғ ва оби ҷўшон) ба кор меандозад. Инҳо нерўгоҳҳои баркӣ, дегхонаи намудҳои гуногун, шабакаҳои баркию гармидиҳӣ, ҳамчунин муассисаю ташкилот дар ҳайати соҳа, ки ҳар гуна корҳои хизматрасонӣ: лоиҳакашӣ, сохтмонию васлгарӣ, баистифодабарӣ ва корҳои таъмириро анҷом медиҳанд. Қувваи барқ шакли нотакрору пешрафтаи расонандаи нерўст. Вай имкон дорад дар нуқтаи охир ба ҳар намуди нерў табдил ёбад. Дар ҳоле ки сўзишворӣ, буғ ва оби гарм танҳо ба қувваи механикӣ ва гармии дорои ҳар гуна имконот табдил меёбанду халос. Дар сатҳи хоҷагии халқи кишвар бартияти иқтисодию иҷтимоии қувваи барқ дар робитаи мутақобила бо нишондиҳандаҳое чун истеҳсоли умумии маҳсулоти милли (дохила)- и кишвар ба ҳар сари аҳолӣ ва истифодаи қувваи барқ барои ҳар шаҳрванд баръало мушоҳида мегардад. Нишондиҳандаҳои оморӣ гувоҳ аз он аст, ки истифодаи сарикасӣ ё истеҳсоли қувваи барқ ҳар чи бештар бошад, ҳамон қадар сатҳи рушди иқтисодӣ болост.

Ба андешаи муаллиф, вазифаи асосии ҷамъиятии энергетикаи барқӣ, чун пойдевори зерсохтори соҳаи хоҷаги халқ, иборат аз пешниҳоди хизматрасониҳои комплексӣ, бо энергияи барқ ва гармӣ таъмин намудани истеъмолкунандагон мебошад. Ғайр аз вазифаи асосии комплексӣ, ҳамчунин вазифаи хоҷагии халқ (байнисоҳавӣ)-и энергетикаи барқ низ муҳим маҳсуб меёбад. Он вобаста аст, ба хоҷагии халқ ҷалбкунии тавозуни гармию энергетикии кишвар, тавассути истеҳсоли энергияи барқӣ ва гармии сарчашмаҳои бакордарояндаи энергия бо сўзишвории сахти пастсифат. Дар ин маврид, истифодаи навъҳои баландсифат ва камёфти сўзишворӣ, пеш аз ҳама сўзишвориҳои нафтӣ ва гази табиӣ коҳиш меёбад, ки истифодаи пурсамари онҳо дар дигар соҳаҳо беҳтар аст.

Мушкилоти бобарқтаъминкунӣ, аҳамияти он дар мавриди коҳиш додани бехатарии иқтисодӣ ва омўзиши номукаммал, зарурияти илман асоснок дар шароити кунунии механизми амалисозии он, кори таҳқиқотиро муҳим гардонидааст.

Аз рӯи натиҷаи таҳқиқот 16 кори илмӣ ба табъ расонида шудааст. Аз ҷумла, панҷтояш дар маҷаллаю нашрияҳое, ки КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия додааст, чоп гардидааст.

Муаллиф Сабриддини Сафовуддин дар назди худ ҳалли чунин масоилро гузоштааст:

- хулоса ва дақиқсозии асосҳои иқтисодии раванди рушди энергетикаи барқии деҳот, ҳам дар накшаи умумидавлатӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ;

- таҳлили вазъи кунунии системаи энергетикии вилояти Хатлон, сатҳи истеҳсолот ва истеъмоли қувваи барқ дар хоҷагии деҳот;

- асоснок намудани механизми иқтисодии ташкили истифодабарии хоҷагии барқии молистеҳсолкунандагони деҳот дар асоси кооператсия;

- пешниҳоди муносибати методӣ доир ба пешгӯии талабот ба қувваи барқ барои соҳаи кишоварзӣ, дар асоси тамоюли рушди комплекси агросаноатӣ;

- аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок намудани тавсияҳо доир ба таҷдид ва навсозии равандҳои технологӣ дар хоҷагии деҳот, дар асоси сарфаи энергия ва воридсозии техника ва технологияҳои инноватсионӣ;

- ошкор намудани нафъи иқтисодӣ аз пешниҳоди чорабиниҳо дар заминаи хоҷагии модулӣ;

Аз нигоҳи мо муаллиф дар шароити нарасидани қувваи барқ дар вилояти Хатлон, бахусус дар давраи тирамоҳу зимистон, дар назди хеш вазифаи басо муҳимро гузоштааст.

**4. Мундариҷа ва моҳияти кори илмӣ.** Сохтори кори илмӣ мантиқан дуруст ҷобаҷогузорӣ карда шуда, маводи таҳқиқотӣ бо тартиб ба расмият даровarda шудаанд, аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда, ки аз 236 номгӯй дар бар мегирад, иборат аст (саҳ.146-166).

**Дар муқаддима** аҳамияти мавзӯъ асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳои гузоштаи таҳқиқот, навгонии илмии кор муайян ва рангорангии проблема зикр ёфтааст. Асосҳои методологию методикии асосҳои таҳқиқот

нишон дода шуда, ҳамчунин аҳамияти назариявию амалии он муайян гардидааст (саҳ.3-12).

Аз нигоҳи мо бештар моҳияти мукаммалсозии механизми иқтисодии рушди энергетикаи деҳот, манфиатнокии имконоти энергетикии истеҳсолоти хоҷагии деҳот чун маҷмӯи бо ҳам пайваст, ошкорсозии хусусияти сабабию тафтишотии робита байни ҷузъҳои вобастаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ дар шароити бозоргонӣ, ҳаммонандӣ дар иртиботи бевосита бо барқтаъминкунии хоҷагии деҳот ба натиҷаҳои истеҳсолот ва нафъи умумӣ аз истифодабарии он, фаҳмида мешавад.

**Дар боби якум – "Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии рушди қувваи барқ дар деҳот"** хусусияти хоси қувваи барқ чун асоси хоҷагии халқ кушода мегардад; шарҳи муаллифии дараҷаи бехатарии энергетикӣ баён меёбад; равандҳои инкишофи қувваи барқи деҳот нишон дода мешавад; нишондиҳандаҳои фаъолияти пурсамар ва омилҳои таъсиррасон ба инкишофи қувваи барқ дар фаъолияти КАС омӯзиши худро ёфтаанд (саҳ.13-57).

Муаллиф махсус зикр мекунад, бо сабаби он, ки обанбори Норак, аз ҳама бузург дар кишвар (10,5 км$^3$) хусусияти мавсимии танзими обро дорад, дар давраи тирамоҳу зимистон норасоии қувваи барқ ҳамоно 4 - 4,5 млрд. кВт/соатро ташкил медиҳад. Сабаби дигари норасоии қувваи барқ ин бо иқтидори пурра кор накардани марказҳои барқу гармидиҳии Душанбе-1,2 (598 МВт) ва Ёвон (120 МВт) дар давраи тирамоҳу зимистон маҳсуб меёбад. Зеро дар ин давра таъмини нафту газ ба кишвар кам гашта, илова ба он, нархи расонандаҳои нерӯ пайваста афзоиш меебад.

Бо сабаби он, ки дар давраи тирамоҳу зимистон оби дарёҳо хеле кам мегардад, имконияти истеҳсоли қувваи барқ дар нерӯгоҳҳо низ коҳиш меёбад. Аз ин хотир, усули маҳдудиятноки сарфи қувваи барқ ҷорӣ мегардад. Дар чунин вазъ талаботи соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар ба қувваи барқ қонеъ нагашта, тавре дар боло ишора рафт, норасоии қувваи барқ то 4,5 млрд. кВт/соатро дар як сол ташкил медиҳад.

Бо назардошти кам кардани соатҳои маҳдудиятноки истифодаи қувваи барқ дар кишвар фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои иловагӣ доир ба сарфаи қувваи барқ” аз 24 апрели соли 2009, таҳти рақами 653 амал дорад.

Муаллиф таклиф дорад, ки гузариш ба истифодаи технологияҳои сарфаи қувваи барқ, яке аз роҳҳои асосии сарфа ва паст кардани сарбории системаи қувваи барқӣ маҳсуб меёбад. Дар сурати амалисозии чорабинии мазкур имкон пайдо мегардад, захираҳои гидроэнергетикӣ самаранок истифода шуда, муддати панҷ сол 2,650 млрд. кВт/соат сарфа шавад. Вилояти Хатлонро робита ба рушди энергетикаи хурд хеле умедвор месозад. Имконот ҳангоми бунёди нерӯгоҳҳои хурди барқи обӣ дар дарёҳои хурду миёнаи вилоят, умуман ҷумҳурӣ беш аз 30 млн. кВт/соат, бо истеҳсоли солона тахмин 100 млрд. кВт/соатро дарбар мегирад. Ин яке аз самтҳоиояндадори рушди энергетика дар маҳалҳост, ки дастгирии ҳамаҷонибаи сиёсати нафъовари давлатро тақозо дорад.

**Дар боби дуюм - “Таҳлил, вазъи ҳозира ва тамоюли рушди қувваи барқ дар деҳот”** вазъи ҳозираи фаъолият ва рушди қувваи барқ дар деҳоти Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор ёфт; бобати инкишофи сатҳ ва суръати истеҳсолот, истифодаи қувваи барқ дар хоҷагии деҳоти минтақаи дар шароити дигаргунсозии соҳаи энергетика таҳқиқот гузаронда шуд; ҳолати техникию иқтисодии ҷузъҳои бо барқтаъминкунӣ таҳлил ёфт; талаботи ҷумҳурӣ ба қувваи барқ муайян гардид; таҳлили робитаҳои байниҳамдигарии сатҳи рушди қувваи барқи деҳот ва имконоти иқтисодию истеҳсолии ташкилотҳои хоҷагии деҳот ба ҷо оварда шуд (саҳ.58-99).

Аз ҷониби муаллиф захираҳои баланд бардоштани самаранокии иқтисодию энергетикии нафъи истеҳсолоти кишоварзӣ, ки боиси муътадил гардидани вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва ба афзоиши бехатарии иқтисоди минтақа мусоидат менамояд, ошкор шудааст. Ба андешаи муаллиф, истифодаи муносибати пайвастаи энергетикӣ ба проблемаи афзоиш бахшидани нафънокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ба интихоби

қарори муносиби нақшавӣ ё технологӣ, ки ба самти афзоиш бахшидани ҳаҷми маҳсулот ва паст намудани харҷи истеҳсолот баҳри таъмини истеҳсолоти васеъ, мусоидат менамояд.

Аз ин хотир, дар шароити кунунӣ энергетикаи барқӣ пайванди асосии рушди заминаи техникию моддии соҳаи кишоварзӣ боқӣ монда, имкони махсусгардонӣ, муттаҳидгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ, ҳалли масоили иқтисодию иҷтимоӣ, баланд бардоштани нафънокии бахши аграрии иқтисодиётро дорост.

Ҳангоми таҳлили таҳқиқот ба муаллиф муяссар гардид, ки сатҳи ғунҷоиши энергия дар маҳсулоти кишоварзӣ то 2 маротиба коҳиш ёфтааст. Ба ҳар ҳол, сатҳи ғунҷоиши қувваи барқ, ки дар соли 2019 ба амал омадааст, 1,6 маротиба нисбати соли 2013 болост. Ин гувоҳ аз пастшавии истифодаи пурсамари қувваи барқ дар минтақа аст. Ҷараёни афзоиши рӯйхати нархҳо ба ҳисоби миёнаи солона барои истифодаи молистеҳсолкунандагони деҳот, аз ҷониби расонандаҳо ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, таъминоти барқии ҷумҳуриро тавассути муносибатҳои нархӣ, соҳаи кишоварзиро бо дигар соҳаҳои иқтисодиёт маънидод месозад.

Ҳамчунин барои назария ва амалия ҷадвали 19 басо муҳим мебошад. Тақсимоти хоҷагиҳо доир ба харҷи энергияи барқӣ ба ҳисоби 1 сар чорвои калони шохдор дар соли 2019, ки дар мисоли вилояти Хатлон оварда шудааст, нишон медиҳад, дар вилоят сатҳи истифодаи қувваи барқ ва меъёрҳои сарфи захираҳо дар соҳаи чорводорӣ, нисбат ба давраи тоислоҳот хеле паст аст. Қисми бештари субъектҳои хоҷагидор сатҳи пасти харҷи қувваи барқ барои эҳтиёҷи истеҳсолӣ, ба ҳисоби 1 сар чорвои калони шохдорро доро мебошанд.

**Дар боби сеюм – “Самтҳои асосии мукаммалгардонии механизми ташкилию иқтисодии рушди қувваи барқ дар деҳоти вилояти Хатлон”** доир ба баланд бардоштани хизматрасонии нафъовар ба хоҷагиҳои шабакаҳои барқӣ ва таҷҳизоти сарфкунандаи барқи молистеҳсолкунандагони деҳот, чорабиниҳо пешниҳод ва асоснок

гардонида шуданд; пешгӯии истифодаи қувваи барқ аз ҷониби аъзои кооперативи истеъмолӣ, бо назардошти самтҳои инкишофи ояндадори онҳо; самтҳои мукаммалгардонии заминаи техникии молистеҳсолкунандагони деҳот дар доираи барномаи сарфаи қувваи барқ, дар мисоли хоҷагидории модулӣ, аз маҷмӯи таҳқиқот ва бо асоси мувофиқатии иқтисодии онҳо дида шуданд (саҳ.100-140).

Аз ҷониби муаллиф бунёди сохтори ташкилии кооперативи истеъмолӣ таклиф мегардад. Дар натиҷаи бунёди кооператив, муттаҳидшавии субъектҳои ҷудогона, ки аз рӯи меъёри "ҷамъшавии ҳудудӣ ва истифодаи зиёди қувваи барқ дар равандҳои истеҳсолӣ", дар системаи ягона аз ҳисоби нафъи системавӣ (эмерҷентӣ), самараи фаъолияти иттиҳодияи таъсисёфта, дар шакли самари синергӣ (ҳамкорӣ) ифода меёбад. Бартарияти синергизм дар шакли натиҷадиҳии зиёди тамоми маблағгузориҳои субъекти хоҷагидори ташкилёфта, нисбати нишондиҳандаҳои боздеҳ ба ҳар ташкилот дар алоҳидагӣ, бе ҳисоби истифодаи захираҳои умумӣ ва ҳамдигарпуркунӣ, зоҳир мегардад. Амалия нишон медиҳад, ки ҳангоми хизматрасонии комплексии хоҷагиҳо самароварии он дар ҳоле сурат мегирад, ки воҳиди кории хадамоти энергетикӣ ба сохтори ягона супурда шавад. Дар ин маврид хадамоти энергетикӣ истифодабарии пурсамари шабакаҳои барқии 10-0,4 кВ-ро таъмин намуда, масъулияти иқтисодӣ барои таъмини боътимоди барқиро бар дӯш дорад. Мақсади фаъолияти кооператив баланд бардоштани сатҳи инкишофи иқтисодию иҷтимоии иштирокчиёни он дар асоси ташкили хизматрасонии якҷояи таҷҳизоти барқӣ, ҳамчунин расонидани хизматрасониҳо ба молистеҳсолкунандагони деҳот аст.

Ба назари мо, танҳо дар натиҷаи амалисозии чораҳои дар боло зикрёфта дар вилояти Хатлон комплекси пурсамари энергетикӣ, ки талаботи рӯзафзуни иқтисодиётро бо захираҳои энергетикӣ қонеъсозанда ва батадриҷ ба бозори энергетикии олам воридшаванда, ба вуҷуд хоҳад омад.

Дар маҷмӯъ мундариҷаи рисолаи номзадӣ ба мақсад ва вазифаи таҳқиқот мувофиқат намуда, дорои навгонӣ ва ба хоҷагии халқи кишвар аз аҳамият холӣ нест.

Хулосаи муаллиф аз салоҳиятнокии ӯ дар мавриди ҳалли проблемаи таҳқиқшаванда дарак медиҳад (саҳ.140-145).

**5. Эродҳо ва камбудиҳои кори илмӣ:**

Ҳамчунин, дар баробари муваффақиятҳои илмӣ-таҳқиқотӣ инчунин якчанд камбудиҳо низ ҷой доранд, ки чунинанд:

1. Дар рисола масъалаи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди барқ дар деҳот пурра таҳлил ва баррасӣ карда нашудааст, муаллиф метавонист, ҳамчун татбиқ ва истифодаи таҷрибаи хориҷӣ, давлат ё минтақаи тараққикардаро, ки ба шароити минтақаи вилояти Хатлон бештар мувофиқ аст, пешниҳод кунад.

2. Дар саҳифаи 121-и рисола оварда шудааст, ки яке аз вазифаҳои асосӣ ва фаъолияти кооперативӣ ин баланд бардоштани сатҳи бо барқтаъминкунии равандҳои истеҳсолӣ, дар шароити бетағйир ё пастшавии бузургӣ ва ҳаҷми харҷҳо барои барқрасонҳо дар сохтори арзиши маҳсулоти кишоварзӣ ба шумор меравад. Муаллиф бояд илман асоснок менамуд, ки дар шароит чунин шакли ташкили хизматрасонии системаи таъминот бо барқ пешниҳодгардида дуруст аст.

3. Дар баъзе аз бобҳо муаллиф хулоса ва пешниҳодҳоро оид ба натиҷаҳои дар онҳо овардашуда пешниҳод накардааст.

4. Дар кор баъзе иштибоҳҳои истилоҳотӣ, услубӣ ва хатоҳои имлоӣ ба назар мерасанд.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои ҷойдошта сифат ва мазмуни мусбии кори илмиро паст намекунанд. Бартараф намудани онҳо ҷиҳати имлоӣ кори мазкурро хубтар карда, дар баъзе аз масъалаҳо натиҷаи таҳқиқот боз ҳам равшантар мегардад.

Автореферат ва мақолаҳои нашршуда ба таври кофӣ мундариҷаи корро инъикос мекунад.

Гуфтаҳои дар боло дарҷшуда ба мо имкон медиҳад, ки рисолаи илмии муҳаққиқ **Сабриддини Сафовуддин** дар мавзӯи "**Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди барқ дар деҳот (дар мисоли вилояти Хатлон)**" барои гирифтани унвони номзади илмҳои иқтисодӣ ба талаботи Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи рисола **Сабриддини Сафовуддин** барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) сазовор аст.

Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ,
и.в.дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идораи
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,
734061, кӯч. Н.Қаробоев 63/3,
ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
(+992) 90-770-71-97,
uk_kimsanov@hotmail.com Кимсанов У.О.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсус Бухориев Н.А.

*04 сентябри соли 2021*